ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН

УДК:336.714+332.1(043)/575.3 **Бо ҳуқуқи дастнавис**

ҚАЛАНДАРОВ ИЛҲОМҶОН ЭМОМНАЗАРОВИЧ

ХУСУСИЯТҲОИ ИСТИФОДАИ САМАРАНОКИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР РУШДИ ХОҶАГИҲОИ ПАХТАКОРИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

АВТОРЕФЕРАТИ

диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.6. Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ

ДУШАНБЕ-2026

Диссертатсия дар кафедраи иқтисодиёт ва идораи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Роҳбари илмӣ: **Тошматов Маҳмуд Негматович,** номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в. проффессор, академики Академияи муҳандисии ҶТ, мушовири ректори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон оид ба сифати таълим ва аккредиттатсияҳои байналмилалӣ

Муқарризони расмӣ: **Сафозода Абдулмаҷид Карим** – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, ректори Донишкадаи байналмилалии Данғараи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

Файзуллоев Толибҷон Тоҳирович – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти комплекси агросаноатии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Муассисаи пешбар: Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Ҳимояи диссертатсия «03» июли соли 2026 соати 13.^{00} дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA-016 назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур (734003, ш.Душанбе, х. Рӯдакӣ, 146, E-mail: olimov-1976@mail.ru, телефони котиби илмӣ: (+992) 101179090) баргузор мегардад.

Бо диссертатсия ва автореферат дар сомонаи расмии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур (http//www.ttu.tj) ва китобхонаи донишгоҳ шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «___» _____ соли 2026 фиристода шуд.

Котиби илмии Шурои
диссертатсионии 6D.KOA-016,
номзад илмҳои иқтисодӣ, дотсент Олимов А.Х.

МУҚАДДИМА

Муҳиммияти мавзуи таҳқиқот. Мақсади муҳими таҳаввулоте, ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаҳои воқеии иқтисодиёт татбиқ шуда истодааст, фароҳамсозии рушди босуботи иқтисодӣ ва ба восита баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии мамлакат ба ҳисоб меравад. Барои ноил гардидан ба ин ҳадаф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои мухталифи меъёрию ҳуқуқӣ қабул гардидааст, ки ҳавасмандкунии истеҳсолкунандагон, ҷолибнокии сармоягузорӣ ва рушди инноватсионии мамлакатро таъмин менамояд. Дар доираи ислоҳоти амалишудаистода истифодаи самараноки фишангҳои танзими давлатии иқтисодиёт дар тамоми соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакат, чунончӣ, дар соҳаи пахтакории кишоварзӣ, ҷойгоҳи асоси дорад, зеро соҳаи мазкур дар ҳалли яке аз ҳадафҳои стратегии мамлакат – таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ бо ғизои хушсифат нақши ҳалкунанда мебозад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 20-уми январи соли 2016 дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ қайд намуда буданд, ки «... яке аз бахшҳои пешбарандаи иқтисодиёти Тоҷикистон ва бо ҷойи кор таъмин намудани аҳолӣ соҳаи кишоварзӣ буда, рушди он солҳои охир дар сатҳи устувор қарор дорад. Мо шароити бисёр мусоиди табиӣ ва захираву имкониятҳои зарурие дорем, ки дар сурати истифодаи пурра ва самараноки онҳо метавонем аҳолии кишварро бо маҳсулоти ғизоӣ таъмин кунем, яъне масъалаи озуқаворӣ яке аз ҳадафҳои миллиамонро ҳал намоем» [4].

Дар «Стратегияи миллии рушди (СМР) Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 яке аз афзалиятҳои махсус дар бахши воқеии иқтисодиёт» [4, с. 14-15]. «... тавсеа додани дастрасӣ ва саҳм дар таъмини фаровонии маҳсулоти озуқа, сифат ва бехатарии он дар асоси гузариш ба дараҷаи баланди индустриализатсия ва рушди босуботи бахши аграрӣ, дар асоси ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ ва аз ҷиҳати экологӣ бехатар» [4, с. 14-15] ба ҳисоб меравад. Дар ҳалли масъалаи мазкур сармоягузорӣ нақши ҳалкунанда дорад.

Дар ҳақиқат яке аз масирҳои муҳими сиёсати аграрии вилояти Хатлон ин баланд бардоштани самаранокии фаъолияти сармоягузорӣ мебошад, ки ба ин васила рушди истеҳсолотро дар соҳаи кишоварзӣ мусоидат намуда, барои татбиқи тадбирҳои мушаххас оид ба ташаккули фазои мусоиди сармоягузорӣ ва афзоиши ҷолибнокии сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ заминаи муҳимро таъмин месозад. Сармоягузорӣ дар шароити муосир воситаи муҳимтарини таъмини рушди мунтазам ва босуръати соҳаи кишоварзӣ мебошад.

Яке аз бахшҳои муҳими соҳаи кишоварзӣ пахтакорӣ буда, дар таъмини рушди соҳаи мазкур нақши муҳим дорад. Пахта яке аз маҳсулотҳои содиротии ҷумҳурӣ ва ҳамчун ашёи хом барои саноати сабук ва зироати равғандеҳ ба ҳисоб рафта, майдони кишти он сол то сол зиёд карда мешавад.

Пас аз гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иқтисодиёти бозор ҳаҷми сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзӣ аз ҳамаи сарчашмаҳо коҳиш ёфт, ки барои

рушди соҳаи мазкур мушкилот эҷод намуд. Дар солҳои охир бо вуҷуди беҳтар шудани рушди соҳаи кишоварзӣ, дар самти сармоягузории соҳаи мазкур то ҳанӯз масъалаҳои ҳалталаб боқӣ мондааст, ба монанди:

- баланд шудани сатҳи обҳои зеризаминӣ, дар натиҷа шур гардидани замин ва аз истеҳсолоти кишоварзӣ баромадани майдонҳои кишти пахта;

- норасогии техника ва таҷҳизот барои парвариш ва ҷамъоварии ҳосили пахтаи киштшуда коркард, нигоҳдорӣ ва кашондани он, ки ин рақобатпазирии истеҳсолоти ватанӣ, аз ҷумла соҳаи пахтакориро паст мекунад;

- сатҳи пасти тараққиёти соҳаи парвариш ва истеҳсоли пахта. Дар натиҷаи нарасидани кадрҳои баландихтисос, замини кишт на ба дасти деҳқони асил, балки ба ихтиёри шахсони ғайритахассусӣ мегузарад;

- дараҷаи пасти инкишофи инфрасохтори бозори фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ дастрасии хоҷагидоронро ба захираҳои молиявӣ, иттилоотӣ, моддӣ ва мениралию органикӣ мушкил месозад;

- ноустувории молиявии соҳаи пахтакорӣ бинобар норасогии дастгирӣ ва сармоягузорӣ. Махсусан, дар шароити имрӯза, дар минтақа хоҷагиҳои пахтакор дар самтҳои гуногуни истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ, ки тамоюли афзоиши миқдориро касб намудааст;

- вобастагӣ аз воридот – маҳсулотҳои зиёдеро метавон аз пахта истеҳсол намуд, ки аз хориҷа ба бозори дохили ворид мегардад, ин метавонад талаботро ба маҳсулоти ватани коста гардонида ба рақобатпазирии он таъсири манфи мерасонад.

Аз ҳамин нуқтаи назар барои ҳалли муаммоҳои зикргардида, афзоиши сармоягузорӣ ба соҳаи пахтакорӣ бо назардошти муҳайё намудани шароити мусоиди сармоягузорӣ хелле муҳим арзёбӣ мегардад. Зиёд намудани ҳаҷми сармоягузорӣ ба соҳаи пахтакорӣ ва ба ин васила тезонидани ҷараёнҳои сармоягузорӣ аз муҳити сармоягузорӣ вобастагии ногусастанӣ дорад.

Аз ин лиҳоз, шароити муосири иқтисодиёти вилояти Хатлонро ба назар гирифта зарурати омузиши асосҳои назариявию методологии хусусиятҳои истифодаи самараноки сармоягузориҳо дар рушди хоҷагиҳои пахтакор ҳамчун соҳаи афзалиятноки бахши кишоварзӣ барои сармоягузории самаранок ба миён омадааст, ки он мубрамияти мавзуи диссертатсияи мазкур, ҳадаф, вазифаҳо ва сохтори онро муайян менамояд.

Дараҷаи омӯзиши илмии масъала. Як қатор муҳаққиқони хориҷӣ ба монанди А.Г. Багатырев, У. Шарп, Ҷ.М. Кейнс, иқтисодчии австрягӣ И. Шумпетер ва дигарон масъалаи сармоягузорӣ ва самаранокии онро дар асарҳои худ мавриди таҳқиқ қарор додаанд. Масъалаи сармоягузорӣ ва истифодаи самараноки он дар асарҳои илмии як қатор олимони иқтисодии рус, ба монанди И.А. Бланк, А.Б. Борисов, А.В. Гордеев, А.В. Меньшенина, И.А. Минаков, В.В. Шеремет, иқтисодчии амрикоӣ Г. Александер, В.Е. Афонина, И.Н. Буздалов, иқтисодчии исроил-амрикоӣ Фишер Стэнли, молияшиноси амрикоӣ Р. Дорнбуш ва дигарон таҳқиқ шудааст.

Баъзе паҳлуҳои масъалаи истифодаи самараноки сармоягузориҳо дар рушди иқтисодиёт, аз он ҷумла дар бахши кишоварзӣ, дар асарҳои илмии

муҳаққиқони тоҷик, ба мисли: З.Р. Шарифов, А.Б Мирсаидов, А.А. Мустафаев, А.А. Мадаминов, Г.Х. Исломов, Н.Қ. Қаюмов, Р.К. Раҳимов, В.А. Розиқов, Ш.М. Раҳимов, С.Г. Сафаров, Х.М. Саидмуродов, С. Дж. Комилов, М.Н. Тошматов, Ҷ.Х. Тағоев ва дигарон инъикос гардидааст.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуҳои илмӣ. Таҳқиқоти анҷомшуда бо муқаррароти барномаи дарозмуҳлати «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон бораи давраи то соли 2030», «Барномаҳои миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020», «Барномаи ислоҳоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025», «Стратегияи миллии рушди истеҳсолу коркарди пахта ва саноати нассоҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2040» ва дигар барномаҳои соҳавӣ, ки ба масъалаҳои рушди соҳаи кишоварзӣ бахшида шудаанд, марбут мебошад.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ. Асосноккунии назариявӣ ва таҳияи тавсияҳои методӣ ва амалӣ оид ба ҷалб ва баланд бардоштани самаранокии истифодаи сармоя дар хоҷагиҳои пахтакории вилояти Хатлон ба шумор меравад.

Вазифаҳои таҳқиқот. Барои расидан ба мақсади диссертатсияи таҳқиқ шаванда ҳалли вазифаҳои зерин талаб карда мешавад:

- омӯзиши ҷиҳатҳои илмӣ-методологии сармоя-сармоягузорӣ ва аҳамияти он дар рушди соҳаи пахтакорӣ;
- омӯзиши шароити сармоягузорӣ дар хоҷагиҳои пахтакор ва мушаххас намудани омилҳои таъсиррасонада;
- таҳлили усулҳои баҳодиҳии самаранокии сармоягузорӣ дар хоҷагиҳои пахтакор;
- таҳлили арзёбии рушд ва баҳодиҳии рақобатпазирии хоҷагиҳои пахтакори вилояти Хатлон;
- баҳодиҳии ҳолати муосири низоми идоракунии ҷараёни сармоягузорӣ дар хоҷагиҳои пахтакори вилояти Хатлон;
- муайян кардани самтҳои асосии барқарорсозии иқтисодиёти зарароварии хоҷагиҳои пахтакори минтақа;
-муайян намудани самтҳои такмили идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар хоҷагиҳои пахтакори вилояти Хатлон.

Объекти таҳқиқоти диссертатсионӣ. Ҷараёни сармоягузорӣ ба хоҷагиҳои пахтакори вилояти Хатлон ташкил медиҳад.

Мавзуи таҳқиқот. Маҷмуи муносибатҳои иқтисодие мебошад, ки дар раванди сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзӣ ба вуҷуд меояд.

Фарзияи таҳқиқот ба муқаррароте асос меёбад, ки рушди босуръати соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун яке аз самтҳои асосии рушди ҷумҳурӣ ба шумор рафта, дар таъмини рушди босуботи иқтисодиёти мамлакат нақши муҳим дорад. Дар навбати худ, рушди босуботи соҳаи кишоварзӣ аз баланд бардоштани самаранокии сармоягузорӣ вобастагии қатъӣ дорад.

Асосҳои назариявии таҳқиқотро корҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ, ки ба масъалаҳои назарияҳои сармоягузорӣ, баҳодиҳии самаранокии сармоягузорӣ бахшида шудаанд, ташкил медиҳад.

Асосҳои методологии таҳқиқотро таҳқиқот ва пажуҳишҳои як қатор олимони ватанию хориҷӣ, усулҳои мавҷудаи баҳодиҳии самаранокии сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзӣ, барномаҳои стратегии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла дар соҳаи кишоварзӣ, санадҳои меъёрию ҳуқуқии ҶТ оид ба сармоягузорӣ ва инчунин корхонаҳои кишоварзии вилояти Хатлон ташкил медиҳад.

Усулҳои таҳқиқот. Барои расидан ба ҳадаф ва иҷрои вазифаҳои дар диссертатсия гузошташуда усулҳои зерини илмӣ-таҳқиқотӣ истифода шуданд: таҳлили нишондиҳандаҳои мутлақ, нисбӣ ва миёна, таҳлили индексӣ, қаторҳои динамикӣ, графикӣ, монографӣ, таҳлили омили детерминантӣ, таҳлили коррелятсионӣ-регрессионӣ, абстрактию мантиқӣ, таҳлили системавӣ (низомӣ), баҳодиҳии экспертӣ ва ғайра. Истифодаи усулҳои мазкур илман асоснок кардани баҳодиҳии самаранокии сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзӣ, натиҷаҳои назариявию амалӣ, хулоса ва пешниҳодҳоро таъмин намудаанд.

Сарчашмаи маълумот. Диссертатсия дар асоси санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумотҳои расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раёсати кишоварзии вилояти Хатлон, ҳисоботҳои солонаи корхонаҳои кишоварзии ин вилоят, монографияҳо, маводи конференсияҳои илмӣ-амалӣ вобаста ба масъалаи таҳқиқоти мазкур, маводҳои шабакаҳои Интернет, нашрияҳои матбуоти даврӣ ва коркарду ҳисобҳои худи муаллиф таҳия шудааст.

Марҳилаҳои таҳқиқот. Диссертатсия дар давоми солҳои 2008-2026 дар кафедраи иқтисодиёт ва идораи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон иҷро карда шудааст.

Навгониҳои илмии таҳқиқот. Дар асосноккунии тавсияҳои методӣ ва амалӣ оид ба ҷалби сармоягузорӣ ва баланд бардоштани самаранокии истифодабарии он дар хоҷагиҳои пахтакори вилояти Хатлон ифода ёфтааст.

Натиҷаҳои муҳимтарине, ки дар раванди омузиш ба даст оварда шудаанд ва дорои хусусияти навгонӣ мебошанд, инҳо ба шумор мераванд:

-дар асоси омӯзиши адабиёти гуногуни хориҷӣ ва ватанӣ ҷанбаҳои назариявии масъалаи сармоя ва сармоягузорӣ таҳқиқ ва таснифи сармоягузорӣ аз рӯи нишонаҳои гуногун аз ҷониби муаллиф пешниҳод гардида, нақш ва аҳамияти сармоягузорӣ дар рушди иқтисодиёти минтақа ва мамлакат муайян карда шуда, чунин таърифи мафҳуми «сармоягузорӣ» аз ҷониби муаллиф пешниҳод шудааст: **сармоягузорӣ - ин раванди ҷалби маҷмуи дороиҳо дар ҳудуди кишвар ё берун аз он, барои афзоиши истеҳсолот, навсозии технологӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулот ба ин васила таъмини амнияти озуқаворӣ бо мақсади гирифтани фоида ё таъсири мусбии иҷтимоӣ, экологӣ ва баланд бардоштани самаранокии иқтисодӣ мебошад**;

-фазои сармоягузорӣ дар хоҷагиҳои пахтакори вилояти Хатлон баҳогузорӣ карда шуда, сабабҳои асосие, ки ба муҳити сармоягузорӣ таъсири амиқ мерасонад мушаххас ва аз ҷиҳати илман асоснок карда шудааст аз ҷумла: омилҳои экологӣ-истеҳсолӣ; иқтисодӣ-молиявӣ; техникӣ-технологӣ; ташкилӣ-ҳуқуқӣ; системаи андоз-бонкӣ; сатҳи рушди инфрасохтори соҳаи кишоварзӣ; ҳолати фондҳои асосӣ дар хоҷагиҳои пахтакорӣ ва ғайра;

-ҳолати муосир ва динамикаи рушди хоҷагиҳои пахтакори вилояти Хатлон таҳлил карда шуда, мушкилотҳои дар ин самт ҷойдошта муайян ва роҳҳои ҳалли онҳо пешниҳод карда шудааст. Роҳҳои ба рақобат тобоварии хоҷагиҳои пахтакории вилояти Хатлон баҳодиҳӣ гардида, омилҳои ба рақобатпазирии онҳо таъсиррасон мушаххас ва аз нуктаи назари илмӣ карда шудаанд;

-шароити муосири ҷараёни сармоягузорӣ дар хоҷагиҳои пахтакорӣ вилояти Хатлон арзёби карда шуда, модели татбиқи лоиҳаи сармоягузорӣ дар соҳаи пахтакорӣ коркард шудааст, ки он имконият медиҳад равиши оптималии баҳодиҳии самаранокии сармоягузорӣ бо назардошти бахши мониторинг таъмин карда шавад;

-самтҳои асосии барқарорсозии иқтисодиёти зараровар дар хоҷагиҳои пахтакорӣ вилояти Хатлон муайян карда шуда, самтҳои мувофиқсозии равандҳои сармоягузорӣ дар хоҷагиҳои пахтакорӣ мазкур пешниҳод ва илман асоснок карда шуда, консепсияи алоқамандии корхонаҳои саноати сабук, ки ба коркарди маҳсулоти пахтагӣ машғул мебошанд, таҳия гардидааст. Модели самаранокии таъминоти моддию техникии хоҷагиҳои пархтакории вилояти Хатлон таҳия гардидааст, ки имкон медиҳад рушди мунтазами хоҷагиҳои мазкур таъмин карда шавад;

-самтҳои такмили раванди идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар хоҷагиҳои пахтакори вилояти Хатлон муайян ва илман асоснок карда шуда, усули давра ба давра баҳодиҳии татбиқи сармоягузорӣ бо иштироки давлат ва бахши хусусӣ, бо назардошти нишондиҳандаҳои самаранокӣ, навоварӣ ва хавф пешниҳод гардидааст, ки татбиқи амалии он метавонад дар баланд бардоштани самаранокии фаъолияти хоҷагиҳои пахтакорӣ таъсири мусбат расонад.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

- ҷанбаҳои назариявии мафҳуми сармоягузорӣ дар соҳаи пахтакории кишоварзӣ дар асоси механизми фаъолияти сармоягузорӣ;

- муҳимияти иқтисодии сармоягузорӣ дар хоҷагиҳои пахтакор дар натиҷаи амалӣ гардиданӣ шартномаҳои шарикии фаъолияти сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ дар сатҳи иқтисодиёти вилояти Хатлон;

- консепсияи рақобатпазирии иқтисодиёти соҳаи кишоварзии минтақаи Хатлон дар асоси истифодаи самараноки сармоягузориҳо, инчунин роҳҳои ва омилҳои беҳтарсозии ҳамкориҳои иқтисодӣ дар минтақаи Хатлон дар алоқамандӣ бо сабабҳои умумиҷаҳонӣ (институтсионалӣ);

- усулҳои асосии истифодаи самараноки сармоягузорӣ дар рушди хоҷагиҳои пахтакори вилояти Хатлон ва самтҳои беҳтарсозии фазои сармоягузорӣ дар хоҷагиҳои пахтакорӣ вилояти Хатлон.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот. Аҳамияти назариявии таҳқиқотро маҷмуи муқаррароти методие ташкил менамояд, ки заминаи рушди фаъолияти сармоягузориро дар соҳаҳои кишоварзӣ ташкил медиҳад. Аҳамияти амалии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки асосҳои назариявии дар таҳқиқот ҷойдошта, тавсияҳои методӣ ва амалии таҳиягардида, хулосаҳо ва пешниҳоди дарҷгардида, аз ҷониби субъектҳои соҳаи кишоварзӣ ҳангоми ҷалби сармоягузорӣ метавонад истифода шаванд. Ҷиҳатҳои илмии дар диссертатсия пешниҳодшуда барои афзун намудани ҳаҷми сармоягузорӣ ва баланд бардоштани самаранокии истифодаи он дар соҳаи кишоварзӣ мусоидат менамоянд.

Натиҷаҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқотро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, дар ҷараёни таълими фанҳои «Таҳлили сармоягузориҳо», «Сармоягузорӣ», «Идоракунии лоиҳаҳо», «Иқтисодиёти кишоварзӣ» ва ғайра барои ихтисосҳои иқтисодӣ истифода бурдан мумкин аст.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия. Асоснокии илмии хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия дарҷгардида аз он далолат медиҳад, ки муаллиф асарҳои бунёдии олимони иқтисодии ватанию хориҷиро вобаста ба фаъолияти сармоягузорӣ эҷодкорона истифода кардааст. Дар ҷараёни таҳқиқот усулҳои иқтисодии таҳлил ба таври васеъ истифода гардида, хулосаҳову пешниҳодҳо дар асоси ҷамъбасти корҳои анҷомдодашуда, истифодаи маълумоти дақиқ тавассути татбиқи технологияҳои иттилоотӣ ҷамъбаст карда шудааст. Натиҷаҳои таҳқиқот интишор ёфтанд, ки эътимоднокии таҳқиқоти диссертатсиониро тасдиқ мекунад.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Навоварӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.2.6 Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ мувофиқат менамояд: 1.Назарияи муносибатҳои аграрӣ, аз он ҷумла замин, об; рушди шакл ва муносибатҳои моликият дар хоҷагии қишлоқ ва дигар соҳаҳои комплекси агросаноатӣ; 4.Вижагиҳои равандҳои такрористеҳсолкунӣ дар хоҷагии қишлоқ, аз он ҷумла такрористеҳсолкунии фондҳои асосӣ, захираҳои меҳнатӣ ва заминӣ, фаъолияти инвеститсионӣ, маблағгузорӣ ва қарздиҳӣ; 29.Фаъолияти сармоягузории корхонаҳои (хоҷагиҳои) комплекси агросаноатӣ; 49.Ҳавасмандии фаъолияти сармоягузорӣ дар кластерҳои соҳаи чорводорӣ; 50.Ҳавасмандии фаъолияти сармоягузорӣ дар кластерҳои соҳаи растанипарварӣ; 64. Сармоягузорӣ ва рушди низоми экологӣ-иқтисодии соҳаи кишоварзӣ.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Тамоми давраҳои иҷрои нақшаи кори илмӣ бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст, аз ҷумла, интихоб, асосноккунӣ ва мубрамияти мавзуъ, муайян кардани ҳадафи таҳқиқот ва вазифаҳои он. Муаллиф мустақилона доир ба

баланд бардоштани самаранокии истифодаи сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ, самтҳои такмили фаъолияти сармоягузориро дар соҳаи кишоварзӣ, тавсияҳои методӣ ва амалиро пешниҳод кардааст

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар конференсияҳо ва семинарҳои илмӣ-амалӣ мавриди муҳокима қарор гирифта, баҳои мусбат гирифтаанд. Натиҷаҳои назариявӣ-методологие, ки дар диссертатсия ҷой доранд, аз тарафи муаллиф ба шакли маъруза дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ ва назариявии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ пешниҳод гардидаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар семинарҳои назариявӣ дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон мунтазам мавриди муҳокима қарор доштанд.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқот 21 мақолаи илмӣ дар ҳаҷми 4,5 ҷузъи чопӣ, аз ҷумла 14 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмие, ки ба номгӯй нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил мебошанд, ба чоп расидаанд.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, 9 зербоб, хулосаю пешниҳодҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Матни асосии диссертатсия дар 200 саҳифаи компютерӣ баён гардида, дорои 20 расм ва 38 ҷадвал мебошад.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуъ асоснок карда шуда, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ муайян гардида, ҳадаф, вазифаҳо, объект, мавзуъ ва фарзияи таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологии он, сарчашмаи маълумот, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот ифода ёфта, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, инчунин, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия оварда шудааст.

Дар боби якуми диссертатсия - «Асосҳои назариявию методологии истифодаи самараноки сармоягузориҳо барои рушди хоҷагиҳои пахтакор», ҷанбаҳои назариявии масоили сармоягузорӣ ва нақши он дар рушди иқтисодӣ омӯхта шуда, моҳияти мафҳуми фазои сармоягузорӣ кушода шуда, омилҳои таъсиркунандаи он барои баланд бардоштани саморанокии хоҷагиҳои пахтакор муайян карда, асосҳои услуби баҳодиҳӣ, самаранокӣ, иқтисодӣ сармоягузорӣ дар хоҷагиҳои пахтакорӣ таҳқиқ шудаанд.

Дар боби дуюми диссертатсия - «**Таҳлил ва арзёбии ҳолати муосири истифодаи сармояҳо дар хоҷагиҳои пахтакори вилояти Хатлон»**, динамикаи рушди хоҷагиҳои пахтакорӣ вилояти Хатлон таҳлил карда шуда, рушд ва рақобатипазирии онҳо баҳогузорӣ гардида, низоми идоракунии ҷараёни сармоягузорӣ дар фаъолияти хоҷагиҳои номбурда мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Дар боби сеюми диссертатсия - «Имконоти истифодаи самараноки сармоягузорӣ дар хоҷагиҳои пахтакори вилояти Хатлон», самтҳои асосии барқарорсозии иқтисодиёти зараровари хоҷагиҳои пахтакори вилояти Хатлон муайян карда шуда, роҳҳои мувофиқсозии равандҳои сармоягузорӣ

дар хоҷагиҳои мазкур аниқ карда шуда, самтҳои такмили идораи фаъолияти сармоягузорӣ дар хоҷагиҳои пахтакори вилояти Хатлон пешниҳод карда шудаанд.

Дар хулоса натиҷаҳои омӯзиш ҷамъбаст карда шуда, хулосаҳо ва пешниҳодҳои асосӣ ба таври мушаххас таҳия гардидаанд, ки истифодаи онҳо дар самти таъмини истифодаи самараноки сармоягузориҳо дар рушди хоҷагиҳои пахтакори вилояти Хатлон мусоидат хоҳад намуд.

МАЗМУНИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Дар муқаддима мубрамияти мавзуъ асоснок карда шуда, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ муайян гардида, ҳадаф, вазифаҳо, объект, мавзуъ ва фарзияи таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологии он, сарчашмаи маълумот, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот ифода ёфта, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, инчунин мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия оварда шудааст.

Дар боби якуми диссертатсия - «Асосҳои назариявию методологии истифодаи самараноки сармоягузориҳо барои рушди хоҷагиҳои пахтакорӣ». Дар диссертатсия исбот шудааст, ки фаъолияти сармоягузорӣ омили муҳими рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои мамлакат мебошад. Ҳар як мамлакат дар алоҳидагӣ ва дар умум дар сатҳи байналмилалӣ ба нақши назарраси сармоягузорӣ доимо аҳамияти ҷиддӣ медиҳад. Муаллиф ба он ақида аст, ки дар шароити иқтисоди бозорӣ бе фаъолияти сармоягузорӣ ва ё маблағгузорӣ устувории бахши иҷтимоӣ ва иқтисодиро таъмин кардан ғайриимкон аст.

Дар раванди фаъолияти сармоягузорӣ, корхонаҳои кишоварзӣ захираҳои зарурии сармоягузориро пайдо намуда, объектҳои (воситаҳои) самарабахши сармоягузориро интихоб карда, барномаи сармоягузорӣ ва портфелҳои сармоягузориро ташкил медиҳанд ва татбиқи онҳоро таъмин мекунанд.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ омили асосии ҳавасмандӣ ба даст овардани фоида буда, дар ин шароит фаъолияти самараноки сармоягузорӣ яке аз самтҳои афзалиятноки рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Зеро фаъолияти сармоягузорӣ баъди ба анҷом расидани лоиҳаи сармоягузоришаванда дар муддатҳои дурудароз аз рӯй ҳиссаҳо фоида меоварад, ки дар ин ҳам сармоягузор ва ҳам истифодабарандагони объекти сармоягузоришаванда ҳавасманд мебошад.

Фазои сармоягузорӣ аз маҷмуи омилҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоие вобаста мебошад, ки ҷолибияти кишвар, минтақа ва соҳаи иқтисодиётро барои сармоягузорон муайян мекунанд.

Дар диссертатсия омилҳое, ки барои такмили фазои сармоягузорӣ таъсир мерасонад муайян карда шудааст, ки дар расми 1 оварда мешавад.



Расми 1. Омилҳое, ки барои баҳодиҳии фазои сармоягузорӣ таъсир мерасонад
Сарчашма: таҳияи муаллиф

Муаллиф исбот кардааст, ки дар раванди сармоягузорӣ ба хоҷагиҳои пахтакор баъзан омилҳои манфӣ ва мусбие мавҷуданд, ки ба рушди иқтисодию иҷтимоии ҳар як минтақа ва ё мамлакат дар шароити иқтисоди бозорӣ таъсири манфӣ ва ё мусбии худро мерасонад. Вобаста ба хусусияти пайдоиши омилҳои таъсирбахш ба самаранокии сармоягузорӣ омилҳо ба объективӣ, субективӣ ва доимию муваққатӣ гурӯҳбандӣ карда шудааст.

Мушкилоти баланд бардоштани самаранокии сармоягузорӣ ва омилҳои ба фазои сармоягузорӣ таъсиркунанда мушаххас карда шуда, самтҳои баланд бардоштани нишондиҳандаҳои таъсиркунанда ба фазои сармоягузорӣ дар бахши пахтакорӣ муайян карда шудааст. Инчунин, вобаста ба таъсир ва хусусияти пайдоиш омилҳои таъсирбахши фазои сармоягузорӣ гуруҳбандӣ карда шуданд, барои рушди фазои сармоягузорӣ имтиёзи сармоягузорӣ пешниҳод шудааст.

Дар диссертатсия қайд гардидааст, ки ҳангоми баҳодиҳии самаранокии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дақиқ ва возеҳ муайян намудани меъёрҳои тахфиф аҳамияти хеле муҳим дорад. Муаллиф қайд менамояд, ки меъёри тахфиф бо якчанд далелҳо ҳисоб карда мешавад: усули миёнаи баркашидашудаи

сармояи умумӣ (Weighted Averege Cost of Copital, WACC); модели арзёбии дороиҳои асосӣ (Capital Asset Pricing model, CAPM);

Собит карда шудааст, ки меъёри тахфиф ҳар қадар баланд бошад, ҳамон қадар арзиши ҷории воситаҳои пулии оянда паст мешавад. Дар натиҷа даромаднокии лоиҳаи сармоягузорӣ паст ва муҳлати баргардонии сармоя дарозтар мегардад. Гузашта аз ин, ҳар қадаре лоиҳа хавфи зиёд дошта бошад, ҳамон қадар шумораи ками сармоягузорон мехоҳанд бо он сармоягузорӣ намоянд, нархи сармояи ҷалбшуда бошад, ҳамон қадар гаронтар мешавад аз ин рӯ меъёри тахфиф баландтар мешавад.

Муаллиф афзалият ва нуқсонҳои усулҳои овардашударо қайд намуда, ба хулосае омадааст, ки дар амал усули кумулятивӣ ҳамчун усули муосири иқтисодӣ истифода бурда шавад.

Ҷузъҳо ва усулҳои асосии баҳодиҳии лоиҳаи сармоягузорӣ дар ҷадвали 1 оварда шудаанд.

Ҷадвали 1.-Усулҳои баҳодиҳии самаранокии иқтисодии лоиҳаи сармоягузорӣ

Нишондиҳандаҳои Хулосавӣ	**Нишондиҳандаҳои баҳодиҳӣ бо назардошти ба эътибор нагирифтани вақти сармоягузорӣ**	**Нишондиҳандаҳои баҳодиҳӣ бо назардошти ба эътибор гирифтанӣ вақти сармоягузорӣ**
Мутлақ	Даромади умумӣ; даромадӣ миёна	Арзиши софи ҷорӣ NPV; Самараи иқтисодии солона
Нисбӣ	Даромаднокии сармоягузорӣ (ROI)	Индекси фоиданокии сармоя (PI); Меъёри дохилии даромаднокӣ (IRR)
Вақтӣ	Муҳлати содаи баргардонидани сармоя	Муҳлати тахфиф кардашудаи баргардонидани сармоя

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси назарияҳои омӯхташуда

Самаранокии иқтисодӣ-интегралӣ, фарқ байни маҷмуи даромади дисконтшуда ва ҳаҷми сармоягузорӣ, яъне афзоиши воситаҳои пулӣ аз ҳисоби татбиқи сармоягузорӣ мебошад:

Агар лоиҳа хусусияти сармоягузории якбораро надошта: «... мунтазам сармоягузории молиявиро дар давоми солҳо талаб намояд, дар чунин сурат арзиши софи ҷорӣ (NPV) чунин ҳисоб карда мешавад.

$$NPV = -\sum_{i=1}^{T_r} I_t (1+i)^{-t} + \sum_{t=T_e}^{T} C_t (1+i)^{-t} \quad (1)$$

дар ин ҷо

I_t - селаи пулии сармоягузориҳои ибтидоӣ;

C_t - селаи пулӣ аз амалӣ намудани лоиҳаи сармоягузорӣ дар муддати вақт t;

t- қадами ҳисоб;

i- меъёрӣ (дисконткунонӣ) тахфиф;

T- бузургии давраи соли ҳисоботӣ;

T_r - миқдорӣ даврaҳои солҳои сармоягузорӣ» [5].

Усули арзиши ҷорӣ барои баҳодиҳии самаранокии солонаи иқтисодии лоиҳаи тадбиқшуда низ, метавонад истифода шавад.

Дар диссертатсия таҳлилҳои муқоисавии усулҳои баҳодиҳии самаранокии иқтисодии сармоягузориҳо пешниҳод карда шудааст, хусусиятҳои хоси онҳо дар ҷадвали 2 оварда шудааст.

Ҷадвали 2.-Нишондиҳандаҳои баҳодиҳии самаранокии иқтисодии лоиҳаҳои сармоягузорӣ

Меъёрҳои муқоисакунӣ	Статикӣ	Динамикӣ
Андозаи корхонае, ки ин гурӯҳи усулҳоро истифода мебарад	Хурд ва миёна	Калон
Дараҷаи ҳисобҳо	Сода	Мураккаб
Ҳаҷми сармоягузорӣ	Хурду миёна	Калон
Дараҷаи хатогиҳо	Баланд	Паст
Омили вақт	Ба назар гирифта намешавад	Ба назар гирифта мешавад

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси назарияҳои омӯхташуда

Ба андешаи мо, нишондиҳандаҳои баҳодиҳии самаранокии сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ бояд се самти асосиро дар бар гирад:

- самаранокии хоҷагии халқ, ки аҳамияти сармоягузориро барои рушди иқтисодиёти кишвар дар назар дорад;
- самаранокии иҷтимоӣ, ки аҳамияти сармоягузориро барои рушди соҳаи иҷтимоии ҳудуди муайян дар назар дорад;
- самаранокии тиҷорат, ки аҳамияти арзиши сармоягузориро аз нуқтаи назари фоиданокии онҳо барои ҳар як субъекти хоҷагидории кишоварзӣ дар назар дорад.

Дар боби дуюми диссертатсия «Таҳлил ва арзёбии ҳолати муосири истифодаи сармояҳо дар хоҷагиҳои пахтакори вилояти Хатлон», динамикаи рушди хоҷагиҳои пахтакорӣ вилояти Хатлон таҳлил карда шуда, рушд ва рақобатпазирии онҳо баҳогузорӣ гардида, низоми идоракунии ҷараёни сармоягузорӣ дар фаъолияти хоҷагиҳои номбурда мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Пахта ва маҳсулоти пахтагин ҳамчун мол дар бозори ҷаҳонӣ мавқеи хоса дошта, дар таъмини саноати сабук бо ашёи хом ва хӯроки чорво саҳми арзанда дорад. Дар диссертатсия қайд карда мешавад, ки вилояти Хатлон бо истифода аз иқлими мусоид дар парвариш ва инкишофи минбаъдаи соҳаи мазкур имконияти зиёдро соҳиб аст. Танҳо танзими соҳа ва ҷалби сармояи имтиёзноки дохилию хориҷӣ имконият медиҳад, ки иқтидори истеҳсолоти соҳаи мазкур мавриди рушду инкишоф қарор гирад.

Вилояти Хатлон, ки дорои имкониятҳои зиёди табиӣ барои парвариш ва коркарди ин навъи маҳсулотро дорад, бояд дар баробари он шароитро баҳри ҷалби сармоя фароҳам намуда, такмили бозори молиявиро ба роҳ монад ва рақобати комилро байни хоҷагиҳои пахтакор ба миён орад.

Аз таҳлили маълумотҳои оморӣ бармеояд, ки ҳаҷми истеҳсоли пахта дар вилояти Хатлон тамоюли афзоянда дорад (ҷадвали 3).

Ҷадвали 3.-Истеҳсоли пахта дар вилояти Хатлон

Навъҳо и пахта	Воҳиди ченак	2015	2016	2017	2018	2019	2020	2021	2022	2023
Навъи 1.	тона	158464	138626	203602	123189	201967,5	199360,3	193858,1	208417,3	170233
	%	84,14	71,81	78,53	68,91	75,70	71,91	71,8	76,3	74,3
Навъи 2.	тона	20378	19702	32449	20167	26439,4	32666,1	42935,7	40158,3	33360
	%	10,81	10,20	12,51	11,29	9,91	11,78	15,9	14,7	14,5
Навъи 3.	тона	5624	14716	16858	16817	16432,8	20922,7	25641,6	16820,6	15976
	%	2,98	7,62	6,51	9,41	6,15	7,55	9,49	6,1	6,9
Навъи 4.	тона	3634	16331	3770	16254	20041,5	21931,9	6049,6	6187,3	6450
	%	1,94	8,47	1,45	9,09	7,512	7,91	2,240	2,2	2,8
Навъи 5.	тона	240	3674	2598	2333	1908,2	2340,3	1516,7	1646,5	3070
	%	0,13	1,90	1,00	1,30	0,71	0,84	0,56	0,6	1,3
Ҳамагӣ	тона	**188340**	**193049**	**259277**	**178760**	**266789,4**	**277221,3**	**270001,7**	**273230**	**229089**
	%	**100**	**100**	**100**	**100**	**100**	**100**	**100**	**100**	**100**

Сарчашма: таҳияи муалиф дар асоси адабёти [3, с. 41-47].

Дар диссертатсия асоснок карда шудааст, ки рушди соҳаи пахтакорӣ на танҳо масъалаи иқтисодӣ балки хусусияти иҷтимоиро низ дорад, зеро зиёда аз 80%-и аҳолии минтақаи мазкур дар деҳот зиндагӣ мекунанд ва ин соҳа метавонад барои қисми зиёди аҳолӣ манбаи ягонаи даромад ва барои саноати сабук манбаи ашёи хом бошад.

Пахта ягона маҳсулоти кишоварзие мебошад, ки ҳам дар дохил ва ҳам дар хориҷа харидори худро дорад ва барои ба муддати дуру дароз нигоҳ доштан хароҷоти зиёдро талаб намекунад.

Таҳлилҳои мо нишон медиҳад, ки 18,65%-и заминҳои минтақа обёришаванда буда, тақрибан дар 45%-и он пахта кишт карда шудааст. Аз майдони кишти пахта 84% ба хоҷагиҳои деҳқонӣ рост меояд. Ин маънои онро дорад, ки парвариши пахта дар минтақа даромади бештарро дорад ё ин намуди маҳсулоти кишоварзиро хоҷагидорон ба осонӣ фурӯхта метавонанд. Аммо таҳқиқотҳо нишон медиҳад, бо сабаби паст будани ҳосилнокии пахта хоҷагидорон бо душвориҳо фаъолият менамоянд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки қисми бештари хоҷагидорон бо сабаби нокифоя будани маблағҳои худӣ рушди устувори истеҳсоли маҳсулоти стратегиро таъмин карда наметавонанд.

Таҳлилҳои мо собит намуданд, ки зиёда аз 41% заминҳои кишти пахта хароҷотҳои хоҷагиҳои пахтакорро пушонида наметавонад.

Дар диссертатсия, яке аз омилҳои паст будани ҳосилнокиии пахта дар майдонҳои кишт норасоии мутахассисони соҳибкасби кишоварзӣ арзёбӣ карда шудааст. Бо сабабҳои паст будани сатҳи дониши хоҷагидорон дар парвариши пахта ва набудани мутахассисони соҳа, мувофиқи мушоҳидаҳо маълум гардид, ки дар заминҳое пахта кишт карда шудааст, ки сатҳи обҳои зеризаминӣ баланд буда, пахтаи киштшуда ҳамагӣ 20 см. қад мекашад. Хоҷагидорон ба мутахассисони касбӣ ва машварати онҳо ниёз доранд.

Норасоии техникаи кишоварзӣ омили муҳими таъсиррасонанда ба фаъолияти хоҷагиҳои пахтакори минтақа мебошад. Мувофиқи татқиқотҳои

мо аксарияти хоҷагиҳои пахтакор барои хариди техникаи кишоварзӣ сармояи кофӣ надоранд.

Дар ин самт афзоиши сармоягузорӣ ба фондҳои асосӣ иқдоми саривақтӣ буда, фароҳам овардани шароити мусоиди қонунгузорӣ барои навсозӣ ва таҷдиди техникаи кишоварзии камхароҷот зарур мебошад. Ташкили марказҳои хизматрасонии техникаи кишоварзӣ ё паркҳои техникӣ бо хизматрасонии нархҳои дастрас муҳим арзёбӣ мегардад. Ин амал боиси фароҳам овардани ҷойи корӣ барои аҳолии минтақа ва таъмини кишоварзон бо техникаи кишоварзӣ мегардад, ки ин бевосита ба сармоягузорӣ ба воситаҳои асосӣ ниёз дорад.

Таъмини хоҷагиҳои пахтакор бо нуриҳои менералӣ омили муҳими таъмини самаранокии фаъолияти хоҷагиҳои пахтакор мебошад. Чуноне мушоҳидаҳо нишон медиҳад қисми зиёди хоҷагиҳои пахтакори минтақа аз сабаби нокифоя будани сарчашмаҳои сармоягузорӣ бе захираи нуриҳои минералӣ фаъолият мекунанд, ки дар ҳолати афзудани талабот нархи дастрас намудани он дучанд гашта, қисмати зиёди хоҷагидорон бо он дастрасӣ надоранд. Ин ҳолат тақвияти ҳамкории давлат бо бахши хусусиро талаб менамояд.

Дар диссертатсия қайд карда шудааст, ки набудани биржаи ягона оид ба нархгузории пахта таъсири манфии худро ба хоҷагидорон расонида, ҳавасмандии онҳоро коста намудааст. Аз ин ҳолат миёнаравҳо истифода бурда пахтаро аз деҳқон бо нархи арзон мегиранд ва барои коркарди пахта ба корхона бо нархи қимат месупоранд. Бештари хоҷагидорон бинобар зуд-зуд тағйирёбии нархи пахта барои кишти он ҳавасманд нестанд.

Бештари ҳолатҳо аз бетаваҷҷуҳ мондани хоҷагиҳои пахтакор ба пастшавии ҳаҷми истеҳсоли пахта оварда мерасонад, ки бе восита ба ҳаҷми коркарди саноатии пахта таъсири манфӣ мерасонад.

Ҷадвали 4.-Динамикаи пахтаи содиршудаи вилояти Хатлон (ҳаз. дол. ИМА)

Нишондиҳандаҳо	Солҳо									Тамоюли рушди миёна %
	2015	2016	2017	2018	2019	2020	2021	2022	2023	
Ҳамагӣ, содироти вилояти Хатлон	115603,2	126725,5	148537,0	162176,6	184109,1	142984,2	176041,8	238238,5	232883,1	109,1
Маҳсулотҳои пахтагин дар ҳаҷми умумии содирт	50991,5	49688,9	46884,7	83453,1	80646,3	70849,5	89753,5	119657,8	135590,6	113
Ҳисаи маҳсулотҳои пахтагин дар ҳаҷми умумии содирт	44,1	39,2	31,56	51,46	43,8	49,55	50,98	50,23	58,22	103,5

Идомаи ҷадвали 4.

Нахи пахта	50470,5	46479	24765,8	52399,4	43023,9	39685,2	45239,3	75236,4	110208,7	110
Ҳиссаи нахи пахта дар маҳ.пах, бо %	98,98	93,54	52,82	62,79	53,35	56,01	50,40	62,87	81.28	97,5
Линт	-	1541,7	-	-	-	-	-	-	-	0
Ҳиссаи линт дар маҳ.пах, бо%	0	3,10	0	0	0	0	0			0
Калобаи ришта	521,0	1421,2	22118,9	31053,7	37622,4	31164,3	44514,2	44421,4	25381,9	162,5
Ҳиссаи калобаи риштаи маҳ.пах бо%	1,02	2,86	47,18	37,21	46,65	43,99	49,60	37,12	18,71	143
Тибити пахта	-	247,0	-	-	-	-	-			0
Ҳиссаи тибити пахта дар маҳ.пах, бо%		0,5								0

Сарчашма: таҳияи муалиф дар асоси адабёти [2, с. 183-187].

Яке аз муҳимтарин омилҳои рақобатпазирии хоҷагиҳои пахтакори вилояти Хатлон ин талабот ба маҳсулоти дилхоҳ корхона ё соҳаи алоҳида ва ё ба содирот нигароншуда мебошад. Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки яке аз муҳимтарин маҳсулоти содиршавандаи минтақаи мазкур пахта ё маҳсулоти пахтагин ба ҳисоб рафта зиёда аз 50 фисади содироти вилояти Хатлонро ташкил менамояд.

Ҷадвали 5.-Алоқамандии шаклҳои алоҳидаи хароҷот ба даромади 1 га пахта бо нишондиҳандаҳои воқеии хоҷагиҳои пахтакори вилояти Хатлон (сомонӣ)

Солҳо	**Мачмуи даромад аз 1 гектар истеҳсоли пахта**	Шаклҳои хароҷотҳо						**Фоида аз 1 гектар истеҳсоли пахта**
		Чигити тухми (пумбадона)	**Музди меҳнати корҳои дастӣ ва механикӣ то давраи чиниш ва барои чиниши**	Сузишвори ва равғанҳои молиданӣ	Нуриҳои менералӣ ва захрхимикатҳо	Ҳаки хизматрасонии об	Андозҳо ҳамагӣ	
2015	11400	500	2196,47	1039,2	1195,66	500	600	5368,67
2016	12000	600	2369,47	1093,8	1382,49	650	800	5104,24
2017	13560	600	2550,57	1236,1	1710,19	700	800	5963,14
2018	11400	700	2800,16	1039,2	1380,20	700	800	3980,44
2019	15000	800	3192,18	1367,15	1820,78	700	800	6319,89
2020	17000	800	3342,21	1500	2170,95	800	900	7486,84
2021	22500	1000	3509,32	1650	2500	800	900	12140,7
2022	22500	1000	3859,9	1699,5	2575	900	1000	11465,6
2023	25000	1100	4437,87	1852,45	2806,75	900	1000	12902,9
Миёна	16706,67	788,88	3139,794	1386,37	1949,11	738,88	844,44	7859,16

Сарчашма: таҳияи муалиф дар асоси адабёти [8].

Дар диссертатсия аз рӯйи маълумотҳои бадастомада ва мушоҳидаҳои хоҷагиҳои деҳконӣ барои гузаронидани таҳлили алоқамандии корелиятсионӣ - регрессионӣ вобастагии байни даромад ва намудҳои алоҳидаи хароҷот барои кишти як гектар пахта дар давоми панҷ сол дида баромада, омилҳои асосии он муайян карда шудааст (расми 2).



Расми 2. Алоқамандии шаклҳои алоҳидаи харочот ба даромади 1 га пахта бо нишондиҳандаҳои воқеии хоҷагиҳои пахтакори вилояти Хатлон (сомонӣ).

Сарчашма: таҳияи муалиф дар асоси адабёти [8]

Ба андешаи муаллиф, самтҳои самараноки идоракунии раванди сармоягузорӣ ба соҳаи пахтакорӣ инҳо мебошанд:

1. Бинобар дар сатҳи паст қарор доштани ҷалби сармоя ба хоҷагиҳои пахтакор устувории фаъолияти онҳо таъмин намегардад. Фаъол намудани ҷалби сармоя ба сармояи асосӣ барои таҷдиди техника ва технологияи кишоварзӣ василаи баланд бардоштани рақобатпазирии хоҷагиҳои пахтакор мегардад.

2. Сифатан тағйир додани идоракунии соҳаи пахтакорӣ ва коркарди он, ташаккул додани механизми идоракунии ҷараёни сармоягузорӣ дар хоҷагиҳои пахтакор пеш аз ҳама ба вуҷуд овардани шароити мусоиди сармоягузориро талаб мекунад, то ки фаъолияти сармоягузорӣ дар хоҷагиҳои пахтакори минтақа ҷоннок карда шавад.

3. Ҳалли мушкилоти дарёфти сарчашмаҳои сармоягузорӣ яке аз самтҳои самаранокӣ идоракунии раванди сармоягузорӣ ба соҳаи пахтакорӣ ба ҳисоб меравад.

4. Яке аз шаклҳои фаъолсозии сармоягузорӣ ташкил намудани фонди минтақавии дастгирӣ ва рушди хоҷагиҳои пахтакори минтақа маҳсуб меёбад. Мақсади асосии фонд мусоидат намудан ба раванди сармоягузорӣ додани қарз ба хоҷагиҳои пахтакор бо фоизҳои паст мебошад.

Дар боби сеюми диссертатсия - «Имконоти истифодаи самараноки сармоягузорӣ дар хоҷагиҳои пахтакори вилояти Хатлон», самтҳои асосии барқарорсозии иқтисодиёти зараровари хоҷагиҳои пахтакори вилояти Хатлон муайян карда шуда, роҳҳои мувофиқсозии равандҳои сармоягузорӣ дар онҳо аниқ карда шуда, самтҳои такмили идораи фаъолияти сармоягузорӣ дар минтақа пешниҳод карда шудаанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки сол то сол қарзи кредитории соҳаи кишоварзӣ рӯ ба зиёдшавӣ дорад. Ин маънои онро дорад, ки қисмати хоҷагиҳои пахтакор зарар дидаанд ва қисмати дигар бошад, маҳсулоти дастранҷи хешро ба корхонаҳои коркард супорида то ҳол маблағи онро нагирифтаанд.



Расми 3. Қарздории дебиторӣ ва кредитории соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон
Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси адабёти [2, с. 240-241].

Аз маълумотҳои дар расми 3. дарҷгардида бармеояд, ки қарзҳои дебитории соҳаи кишоварзӣ соли 2023 нисбат ба соли 2022 ба миқдори 216144,1 ҳазор сомонӣ коҳиш ёфта бошад ҳам, қарзи кредитории соҳаи кишоварзӣ дар ин давра дар ҳаҷми 66579,3 ҳазор сомонӣ афзоиш ёфтааст. Таҳлили расми 3 нишон медиҳад, ки танҳо дар соли 2023 қарзҳои кредитории соҳаи кишоварзӣ аз қарзҳои дебиторӣ 2,5 маротиба зиёд мебошад. Ин ҳолат дар аксар маврид бо роҳи монеаҳои сунъӣ ба вуҷуд омада, ҳам барои ҷалби сармоягузорӣ ва ҳам ба буҷаи соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон таъсири манфии худро мерасонад. Сол то сол зиёд шудани қарздории дебиторӣ ва кредиторӣ дар соҳаи кишоварзӣ барои ҷалби сармоягузории соҳа паёмадҳои хуб надорад. Бинобар ин, зарур аст, ки давлат дар ин самти сармоягузории соҳаи кишоварзӣ чораҳои таъхирнопазир андешад, чунки аз истеҳсол, интиқол ва содироти маҳсулоти кишоварзӣ ба хориҷи кишвар сатҳи даромаднокии хоҷагиҳои пахтакори вилоят вобастагӣ дорад.

Дар вилояти Хатлон дар давраи то 1 июли соли 2022 дар соҳаи кишоварзӣ 3 лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба маблағи зиёда аз 18766,8 ҳазор доллари ИМА амалӣ шуда истодааст (ҷадвали 6).

Ҷадвали 6.-Маълумот оид ба татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ дар соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон дар давраи то 1.05 соли 2025 сол (ҳаз. дол. ИМА)

№	Номгуи лоиҳаҳо (сарчашмаҳои маблағгузорӣ)	Маблағи умумии лоиҳа дар ҷумҳурӣ	Оғоз ва анҷоми лоиҳа	Маблағи аз худшуда дар вилояти Хатлон
1.	Лоиҳаи «Дастгирии соҳаи кишоварзӣ дар заминаи ҷомеа» бо маблағгузории **(Фонди байналмилалии рушди соҳаи кишоварзӣ, саҳми Ҳукумати ҶТ ташкилотҳои хизматрасон ва аҳолӣ)**	39072,0	08.02.2018 31.03.2024	10517,5
2.	Муассисаи давлатии «Рушди соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ» **Лоиҳаи «Баланд бардоштани устувории кишоварзӣ» (Бонки Ҷаҳонӣ)**	108 000,0	30.06.2021 30.11.2026	0,0

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси адабёти [1].

Баланд бардоштани самаранокии сармоягузории соҳаи пахтакорӣ тавассути шарикии ширкатҳои хусусӣ бо хоҷагиҳои пахтакор дар таъмини пояи моддӣ-техникӣ, ҷамъоварии ҳосил, интиқол ва фурӯшу коркарди ниҳоии ҳосили пахта зарур мебошад. Зеро парвариши пахта бе техникаи кишоварзӣ ғайри имкон аст. Пахта маҳсулоти кишоварзии техникаталаб мебошад, бинобар ин хоҷагидорон барои кишти он ҳавасманд набуда то як андоза маҷбур низ мебошанд, ки маҳсулоти дигари кишоварзӣ парвариш намоянд ва ё маҳсулотеро истеҳсол намоянд, ки техникаи кишоварзиро кам талаб намояд (масалан гандум, юнучқа ва амсоли инҳо). Таносуби ба воситаҳои техникӣ таъмин будани хоҷагиҳои пахтакори вилояти Хатлон ва таъсири он ба ҳосилнокии пахта дар ҷадвали зерин оварда шудааст.

Ҷадвали 7.-Динамикаи таносуби фондмусаллаҳшавии хоҷагиҳои пахтакори вилояти Хатлон

Нишондиҳандаҳо	Воҳиди ченак	Солҳо								
		2015	2016	2017	2018	2019	2020	2021	2022	2023
Замини кишти пахта	гектар	113045	115535	119550	122404	122097	124175	121236	121694	116216
Ҳама намуди тамғаҳои техникаи кишоварзӣ	адад	4021	12230	12144	12639	13155	13045	13173	13396	13633
Фондмусаллаҳии хоҷагиҳои пахтакор	техника / гектар	0,035	0,105	0,101	0,103	0,107	0,105	0,108	0,110	0,117
Ҳосилнокии пахта	сентнер аз 1га	16,7	16,7	21,7	14,6	21,9	22,3	22,3	22,5	19,7

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси адабёти [3, с.10,21,61].

Яке аз мушкилоте, ки дар хоҷагиҳои пахтакори минтақа ба мушоҳида мерасад, хеле дар сатҳи паст карор доштани фондмусаллаҳии онҳо мебошад.

Дар диссертатсия исбот карда шудааст, ки рушди соҳаи пахтакорӣ ва зиёд намудани итеҳсоли зироати пахта куллан тағйир додани раванди сармоягузорӣ ба ин соҳаи калидии кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ғайри имкон аст.

Дар диссертатсия бо истифода аз усулҳои эконометрикӣ алоқамандии масоҳати кишти пахта бо воситаҳои техникӣ амсилаи регресионӣ таҳия карда шудааст. (расми 4)



Расми 4. Тағйирёбии заминҳои кишти пахта аз рӯйи таъминот бо воситаҳои техникӣ дар вилояти Хатлон.

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси адабёти [3, с.10,21,61]

Мувофиқи маълумоти расми 4, алоқамандии замини кишти пахта ва воситаҳои техникии кишоварзӣ вобастагии зич надошта бошад ҳам, натиҷаи ҳисобҳо нишон медиҳад, ки коэффитсенти детерминатсия ба R^2=0,44 баробар мебошад. Натиҷаи ҳисобҳо нишон медиҳад, ки ҳосилнокии пахта дар 44% мушоҳидаҳо аз воситаҳои техникии кишоварзӣ вобаста аст.

Бояд гуфт, ки дар диссертатсия қайд гардидааст, ки яке аз омилҳои коҳиш ёфтани ҳосилнокии пахта дар минтақа дар ҳолати бад қарор доштани иқтидори техникӣ, таъмини хоҷагиҳо бо трактороҳо, риоя накардани технологияи кишоварзӣ ва вайрон гардидани механизми бозории талабот ва пешниҳод мебошад.

Аз соли 2015 то соли 2023 дар соҳаи зироаткорӣ коҳиши беандозаи техника ва технологияи кишоварзӣ ба назар мерасад.

Рушди соҳаи пахтакорӣ бе таъмин будани онҳо бо техника ва технологияҳои замонавӣ ғайри имкон арзёбӣ мегардад. Ҳалли ин масъала танҳо тавассути афзоиш додани сармоягузории давлатӣ ва хусусӣ барои харидории техникаи кишоварзӣ, ҷорӣ намудани технологияи замонавӣ имконпазир мебошад.

Таҳқиқотҳои мо собит менамояд, ки барои афзоиш додани истеҳсоли пахта ва зиёд намудани майдони кишт сармоягузорӣ ба ин соҳаи калидии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд зиёд карда шавад.

Қайд гардидааст, ки ба вуҷуд овардани зерсохтор ва ташкил намудани бозори хизматрасониҳои воситаҳои техникии кишоварзӣ аз чунин омилҳо ба

монанди: вазъи умумии иқтисодиёт, сиёсати иқтисодӣ, қонунгузории соҳа ва мавҷудияти рақобат вобастагӣ дорад.

Дар диссертатсия қайд гардидааст, ки солҳои охир вилояти Хатлон миқдори зарурии ашёи хомро истеҳсол менамояд. Ин раванд метавонад асоси рушдёфтани саноати бофандагӣ гардад. Дар натиҷа иқтидорҳои фабрикаҳои ресандагию бофандагӣ, коргоҳҳои истеҳсоли либос меафзояд. Шароити табиӣ ва иқлимии вилояти Хатлон имкон медиҳад, ки пахтаи хомро дар ҳаҷме парвариш кунем, ки ниёзи саноати сабук ва бофандагиро чи дар минтақа ва чи дар ҷумҳури таъмин намояд.

Табдил ёфтани кишвар аз содиркунандаи пахтаи хом ба содиркунандаи маҳсулоти тайёр дар намуди ришта ва матои тайёр боиси вобастагии комили кишвар аз муҳити байналмилалӣ ва геополитикӣ гашта, ин метавонад ба вазъи иҷтимоию иқтисодӣ, рушди саноати сабук ва бофандагӣ таъсири ҷиддӣ расонад.

Барои рушди пахтакорӣ ва самаранокии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории хоҷагии қишлоқ бояд мониторинг ва назорати дақиқона аз болои иҷроиши амалии даврaҳои мухталифи ислоҳот ва истифодаи замин бо иштироки сохторҳои дахлдори давлатӣ ба амал бароварда шавад.

Барои расидан ба ҳадафи чоруми стратегияи рушди миллӣ - саноатикунонии босуръати кишвар ва ба ин васила гузаштан аз модели аграрӣ - саноатӣ ба модели саноатӣ - аграрӣ зарур аст, ки коркарди ашёи хоми пахта бо пуррагӣ дар дохили мамлакат ба роҳ монда шавад. Аз ин лиҳоз дар диссертатсия аз рӯйи маълумотҳои воқеии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти нассоҷӣ ва дӯзандагӣ дар солҳои 2015-2023 ва ҳаҷми истеҳсоли пахта дар солҳои 2015-2023 модели регресионӣ таҳия карда шудааст. Дар асоси модели регресионӣ то соли 2035 дурнамои истеҳсоли маҳсулоти нассоҷӣ, дузандагӣ ва истеҳсоли пахта ҳисоб карда шудааст. Ҳисобҳо нишон медиҳад, ки байни суръати афзоиши истеҳсоли маҳсулоти нассоҷӣ ва дӯзандагӣ ва истеҳсоли пахта номутанносибӣ ба назар мерасад. Агар тибқи ҳисобҳои дурнамо дар соли 2035 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти нассоҷӣ ва дӯзандагӣ соле бо ҳисоби миёна 16% афзоиш ёбад, пас суръати афзоиши истеҳсоли пахта бошад ба ҳисоби миёна 4 %-ро ташкил медиҳад.

Дар асоси муодилаи ростхатта қонунияти тағйирёбии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти нассоҷӣ ва дӯзандагиро дар вилояти Хатлон ҳисоб менамоем.

$$Y_1=b_0+b_1*t=1604176,211+308458,2183t,\ R^2=1.$$

Бо ҳисоби миёна ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти нассоҷӣ ва дӯзандагӣ дар давоми солҳои 2015-2024 ба 1604176,211 ҳазор сомониро ташкил медиҳад;

Афзоиши миёнасолонаи истеҳсоли маҳсулоти нассоҷӣ ва дӯзандагӣ бошад, дар давоми солҳои 2015-2024 дар вилояти Хатлон 308458,2183 ҳазор сомониро ташкил медиҳад. Натиҷаи ҳисобҳо нишон медиҳад, ки коэффитсенти детерминатсия ба $R^2=1$ баробар буда, истеҳсоли маҳсулоти нассоҷӣ ва дузандагӣ вобаста ба вақт пурра вобаста мебошад.

Вобаста ба натиҷаи ҳисоб афзоиши миёнасолонаи ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти нассоҷӣ ва дӯзандагиро дар иқтисодиёти минтақа барои солҳои 2024-2035 дурнамоӣ намуда, дар шакли диаграмма онро чунин тасвир менамоем.



Расми 5. Дурнамои дараҷаи тағйирёбии маҳсулоти нассоҷӣ ва дӯзандагии вилояти Хатлон то соли 2035

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси назарияҳои омӯхташуда.

Дар асоси муодилаи ростхатта ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти пахта ҳамчун ашёи хоми зарурӣ ҳисоб менамоем.

$$Y_1=237307+8724,1t,\ R^2=0,91$$

Бо ҳисоби миёна ҳаҷми истеҳсоли пахта дар давоми солҳои 2015-2035, 237307 ҳазор тоннаро ташкил медиҳад;

Коҳишёбии миёнасолонаи истеҳсоли пахта бошад, дар давоми солҳои 2015-2024 дар вилояти Хатлон 8724,12 тоннаро ташкил медиҳад.

Вобаста ба натиҷаи ҳисоби ҷадвали 11 диссертатсия коҳишёбии миёнасолонаи ҳаҷми истеҳсоли пахтаро дар вилояти Хатлон барои солҳои 2023-2035 дурнамоӣ намуда, дар шакли диаграмма онро чунин тасвир менамоем.



Расми 6. Дурнамои дараҷаи тағйирёбии ҳаҷми истеҳсоли пахта дар вилояти Хатлон то соли 2035

Сарчашма: таҳияи муаллиф.

Ҳисобҳои дар диссертатсия ба амал оварда шуда, нишон медиҳад, ки коҳиши истеҳсоли пахта дар вилояти Хатлон ба ташкили корхонаҳои коркарди он таъсир хоҳад расонид.

ХУЛОСА ВА ПЕШНИҲОДҲО

Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Ҳамин тавр, таҳқиқоти дар доираи диссертатсия анҷомдодашуда имкон медиҳад, ки нуктаҳои муҳими назариявӣ ва амалӣ оид ба истифодаи самараноки сармоягузориҳо дар рушди хоҷагиҳои пахтакори вилояти Хатлон ба таври зерин пешниҳод карда шаванд:

1. Дар рафти омӯзиш пайдоиши назарияҳо оид ба маблағгузорӣ ва сармоягузорӣ ақидаҳои олимони классики илми иқтисодӣ, олимони хориҷӣ ва ватанӣ оид ба мавзуи мазкур таҳқиқ гардидааст. Сармоягузорӣ ва роҳҳои самаранок истифадабарии онҳо дар рушди иқтисодӣ, ба хусус, фаъолияти хоҷагиҳои пахтакори минтақа нуктаҳои илмии ин масъала муайян карда шудааст. Қайд карда мешавад, ки дар аксарияти мавридҳо мафҳуми сармоягузориро бо мафҳумҳои маблағгузорӣ ва сармоягузории капиталӣ омехта менамоянд. Дар ин мавриди ақидаи олимони классик ва муосир омӯхта шуда, нисбати пайдоиши мафҳуми сармоягузорӣ, фаъолияти сармоягузорӣ ва маблағгузорӣ хулосаҳои илмӣ оварда шудааст. Исбот шудааст, ки сармоягузорӣ, фаъолияти сармоягузорӣ ва маблағгузорӣ яке аз омилҳои муҳими рушди иқтисодию иҷтимоии ҳар як минтақа ва ё мамлакат дар шароити иқтисоди бозорӣ ба шумор меравад. Хулоса бароварда шудааст, ки бе тезонидани фаъолияти сармоягузорӣ ва маблағгузорӣ рушди устувори соҳаи пахтакориро таъмин кардан ғайри имкон мебошад. Маблағгузории қарзӣ дар бештари соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ ба хусус, соҳаи кишоварзӣ мувофиқат намекунад зеро қисмати зиёди ин соҳаҳо вобаста ба вақт маҳсулот омода намуда, даромад ба даст меоваранд. Зеро дар ин мудат бояд маблағҳои асосии қарз ва подоши он баргардад. Дар ин соҳа сармоягузорӣ ва фаъолияти сармоягузорӣ айни муддао мебошад, зеро сармоягузорӣ баъди ба анҷомрасидани лоиҳаи сармоягузорӣ дар мудати дуру дароз аз руйи ҳиссаҳо фоида мегиранд [1-М].

